# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии № ________________________

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 29.11.2025, протоколи №39 барои сазовор донистани Давлатов Давлат Амриддинович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ.**

Диссертатсияи Давлатов Давлат Амриддинович дар мавзуи «Имкониятҳои педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ» аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-048-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (воқеъ дар суроғаи 735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.04.2024, таҳти №135/шд) 20- уми сентябри соли 2025 суратмаҷлиси №2 ба ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Давлатов Давлат Амриддинович 28- уми апрели соли 1991 дар деҳаи Хӯҷапанҷи шаҳри Панҷакент таваллуд шудааст. Соли 2013 зинаи бакалаври Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакентро аз рӯйи ихтисоси математика-информатика касби муаллими фанни математика-информатика ва соли 2016 зинаи магистратураи донишкадаи мазкурро аз рӯйи ихтисоси математика ва информатика хатм кардааст.

Давлатов Давлат Амриддинович аз соли 2018 унвонҷӯйи кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент буда, айни ҳол дар вазифаи омӯзгори кафедраи

физикаи тиббӣ ва биологӣ бо асосҳои технологияи информатсионии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ: Файзиев Исматилло Давлатович-** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими физикаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

**Муқарризони расмӣ: Мирзоев Абдулазиз Раҷабович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва **Мавлоназаров Силмон Силтоназарович** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти кибериии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ ба диссертатсияи Давлатов Д.А. бо имзои раиси ҷаласа декани факултети физика, математика ва информатикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ н.и.п., и.в. дотсент Самариддинова З.Н., экспертон, н.и.п., и.в. дотсенти кафедраи методикаи таълими информатика Муродализода Р.М. ва н.и.п., и.в. дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогика Лоиқов П. ва котиби ҷаласа доктори фалсафа (PhD). Парвинаи Усмон омода гардида бо имзои ректори донишгоҳ д.и.п., дотсент Сафарзода М.В. аз 25- уюми октябри соли 2025 тасдиқ шудааст. Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст. Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Давлатов

Давлат Амриддинович дар мавзуи «Имкониятҳои педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти касбӣ), сазовор мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ 25 интишороти илмӣ нашр намудааст, ки 20 адади он оид ба мавзуи диссертатсия мебошанд. Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 мақола ба нашр расонидааст.

**1.** ***Давлатов, Д. А.*** Проблема развития креативности студентов в психолого-педагогической литературе [Текст] / Д.А. Давлатов, Б. Кодиров, А. Куджмуродов, Г. Саидов // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – 2020. – №4(32). – С. 112-116. – ISSN: 2617-5320.

**2.** ***Давлатов, Д. А.*** Омилҳои асосии рушди эҷодкории донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ тавассути ТИК [Матн] / Д.А. Давлатов // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – 2021. – №4(36). – С. 54-58. – ISSN: 2617-5320.

**3.** ***Давлатов, Д. А.*** Шартҳои таълимии рушди эҷодкории донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ тавассути ТИК [Матн] / Д.А. Давлатов // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – 2021. – №4(36). – С.54-58. – ISSN: 2617-5320.

**4.** ***Давлатов, Д. А.*** Хусусиятҳои хоси интихоби машқҳо ва супоришҳое, ки дар раванди омӯзиши фанҳои табиӣ-риёзӣ ба ташаккули эҷодкории донишҷӯён равона гардидаанд [Матн] / Д.А. Давлатов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2024. – №1/4(128). – С. 401-406. – ISSN: 2663-5534.

**5.** ***Давлатов, Д. А.*** Омилҳои асосие, ки ба ташаккули эҷодкории табибони оянда ҳангоми омӯзиши фанҳои табий-риёзӣ таъсир мерасонанд [Матн] / Д.А. Давлатов // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – 2024. – №4 (48). – С. 182-186. – ISSN: 2617-5320.

Ба унвонии шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати Давлатов Давлат Амриддинович ворид шудаанд:

1. Азимова Назира Самадовна – д.и.п, дотсент, мудири кафедраи математика ва информатикаи Донишкадаи байналмиллалии Хуҷанди Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

2. Мухамедова Шаҳло Файзуллоевна – н.и.п., дотсенти кафедраи фанҳои риёзӣ-табиатшиносии муосири Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

3. Султонҳайдаров Нуриддин Хонқулиевич – н.и.п., дотсент, мудири кафедраи омӯзгории забонҳои Шарқи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

4. Шарипов Нусратулло Зайдуллоевич – н.и.п., дотсенти кафедраи математикаи оли ва фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

5. Гулмадов Файз – д.и.п., профессор, мудири шуъбаи педагогика ва методикаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

6. Мирзозода Раҳмоналӣ Раҷаб – д.и.п., дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295), интихоб ва таъин гардидаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи педагогика буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд:

– мушаххас намудани тасаввуроти илмии мазмуни мафҳуми «ташаккули эҷодкории донишҷӯён»;

– муайян кардани шароитҳои равонӣ-педагогии ташаккули эҷодкории донишҷӯён дар машғулиятҳои фанҳои табиию риёзӣ бо истифода аз ТИК;

– ошкор намудани нақши ташаккули ТИК-и рушдёбанда дар ташаккули эҷодкории донишҷӯён дар машғулиятҳои фанҳои табиию риёзӣ;

– муайян намудани меъёрҳои интихоби машқҳо ва супоришҳо барои ташаккули эҷодкории донишҷӯён дар машғулиятҳои фанҳои табиию риёзӣ;

– таҳия ва асоснок кардани амсилаи дидактикии ташаккули эҷодкории донишҷӯён дар машғулиятҳои фанҳои табиию риёзӣ бо истифода аз ТИК;

– таҳия гардидани технологияи ташаккули эҷодкории донишҷӯён дар машғулиятҳои фанҳои табиию риёзӣ бо истифода аз ТИК;

– санҷидани самаранокии корҳои таҷрибавӣ-амалӣ оид ба ташаккули эҷодкории донишҷӯён дар машғулиятҳои фанҳои табиию риёзӣ бо истифода аз ТИК.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** бо он асоснок карда шудааст: таҳия ва татбиқи амсилаи ташаккули эҷодкории донишҷӯён дар

машғулиятҳои фанҳои табиию риёзӣ бо истифода аз ТИК; шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои асосии ташаккули эҷодкории донишҷӯён дар машғулиятҳои фанҳои табиию риёзӣ бо истифода аз ТИК санҷида шуданд; тавсияҳои методӣ оид ба ташаккули эҷодкории донишҷӯён дар машғулиятҳои фанҳои табиию риёзӣ бо истифода аз ТИК таҳия ва нашр карда шуданд; барои арзёбии сатҳи ташаккули эҷодкории донишҷӯён дар машғулиятҳои фанҳои табиию риёзӣ бо истифода аз ТИК саволномаҳо ва тестҳо тартиб дода, аз санҷиш гузаронида шуданд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар нуктаҳои зерин таъмин гардидаанд: тавассути тадқиқотҳои таҳлилӣ ва таҷрибавӣ, коркарди маълумотҳо бо истифода аз усулҳои омори математикӣ ва истифодаи маҷмӯи усулҳои илмӣ-педагогӣ, ки ба ҳадафҳо, вазифаҳо ва мундариҷаи кори пешниҳодшуда мувофиқанд, таъмин карда шуд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Натиҷаҳо ва муҳтавои асосии нашршудаи диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, саҳми шахсии муаллифро муаррифӣ менамоянд. Инчунин, саҳми шахсии муаллиф дар мустақилона таълиф ва пешбурди кори илмӣ-таҳқиқотӣ дар шакли диссертатсия ва ширкати ӯ дар масъалагузориҳои мавзуъ, таҳқиқоти назариявӣ, амсиласозӣ, барномарезӣ, бароҳандозии озмоишҳо, таҳлил, таҷзия ва ҳамчунин дар муҳокимаи натиҷаҳои бадастомада ифода ёфтааст.

Натиҷаҳои бадастовардаи муҳаққиқ бо сохтории диссертатсия таъйид гашта, дар шакли алоқаҳои байниҳамдигарӣ сурат гирифта, дар доираи тақиқоти назариявӣ ва амсиласозиҳо, коркардҳои оморӣ, математикӣ ва компютерӣ саҳми босазо гузошта метавонанд.

Нуқтаҳои асосии илмӣ ва хулосаҳои диссертасионӣ ба воситаи усули амсиласозии компютерӣ дар шакли маҷмуи барномаҳои таҳияшуда асоснок ва тасдиқ гардидаанд.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ аз санаи 29- уми ноябри соли 2025 оид ба сазовор донистани Давлатов Давлат Амриддинович бо дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар доктордони илм - мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 14 нафар иштирокдоштагон дар ҷаласа, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор - 14 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **Сатторов А.Э.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ** **Ҳасанов Ш.Р.**

"_29_"___11___ 2025
ҷ.м.